*Тақризи*

***номзади илмҳои филология Ҳамроев Равшанкул Замонович ба автореферати Ализода Наврӯз Алӣ дар мавзуи "Поэтикаи зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ***

Муҳаққиқ Ализода Наврӯз Алӣ дар мавзуи "Поэтикаи зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон" кори таҳқиқотӣ анҷом додааст, ки он дорои вижагии хос аст. Бидуни иштибоҳ, зарбулмасал яке аз мубрамтарин жанрҳои фолклорӣ буда, диссертант дуруст қайд мекунад, ки дар аввали қарни XX1 моҳияти жанрҳои фолклорӣ ва густариши онҳо дар байни мардум таваҷҷуҳи муҳаққиқони соҳаро бештар ҷалб намуд ва дар кишварҳои мухталифи олам роҷеъ ба мавқеи зарбулмасал осори таҳқиқии зиёде таълиф гардидааст.

Муаллиф сабаби таълифи рисолаи илмии худро дар мавзуи мавриди назар чунин асоснок кардааст, ки "Дар Афғонистон низ аз нимаи дуюми қарни XX то имрӯз, муҳаққиқон ба аҳаммияти ин жанр дар тарбияи инсон, гирдоварӣ, нашр ва таҳқиқи он таваҷҷуҳ карда, то ҳадде ба таҳқиқи илмии он машғул ҳастанд. Аммо то ба ҳол рисолаи илмие роҷеъ ба корҳои то имрӯз ба анҷом расидаи зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон таълиф нашудааст".

Чунончи аз матни автореферат бармеояд, диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат буда, дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқ, мақсад, вазифа, объект, предмет, асосҳои назарӣ, методологӣ, сарчашма ва навгониҳои илмии таҳқиқ, нуктаҳои меҳварии ба ҳимоя пешниҳодшаванда равшану возеҳ баён гардидаанд.

Боби аввали рисола, ки "Таърихи гирдоварӣ, нашр ва таҳқиқи зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон" унвон гирифтааст, аз се фасл иборат буда, фасли аввал "Корбурди истилоҳи "зарбулмасал" ва муродифҳои он" номгузорӣ шудааст, ки нисбат ба зарбулмасал дар Афғонистон истифода шудани чандин истилоҳ, аз қабили "масал",

“матал”, “мисол”, “тамсил”, “амсол”, “ҳикам” ва ғайра сухан рафтааст. Фасли мазкур бо фарогирии матолиби зиёд ва зикри осори муҳаққиқон дорои аҳаммияти хос аст. Диссертант дар фасли дувуми боби якум, ки “Таҳқиқи зарбулмасалҳои даризабонон” ном дорад, ба таври густурда ва дақиқ назари муҳаққиқонро роҷеъ ба зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода, ҷо-ҷо баҳсу андешаҳои шахсии хешро иброз доштааст, ки мавқеи ӯро ба сифати муҳаққиқ ифода намуда, ҷанбаи таҳқиқотии фаслро афзудааст.

Унвони боби дуюми рисола “Хусусиятҳои жанрӣ, мавзуъ ва муқоисаи зарбулмасалҳои даризабонон ва ҳамзабонон” буда, фарогири се фасл аст. Зимнан дар боби мазкур роҷеъ ба монандӣ ва тафовути зарбулмасалҳои миёни ҳамзабонон ба таври қиёс сухан рафтааст, ки аз тозакориҳои муҳаққиқ аст.

Диссертант дар боби сеюми рисола роҷеъ ба “Сохтор, бадеият, забон ва услуби баёни зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон” сухан рондааст, ки аз се фасл иборат буда, дар боби номбурда оид ба зарбулмасалҳои мансур ва сохтору оҳангнокии онҳо, корбурди воситаҳои тасвири бадеӣ, нақши онҳо дар контекст ва вижагиҳои забонии зарбулмасалҳо бо овардани далелҳои илмӣ андешаронӣ кардааст. Дар ин боб назария бо амалия пайванд хӯрда, мисолҳо аз сарчашмаҳо ва маъхазҳои муътамад, корбурди методҳои муқоиса ва омор, инчунин таҳлилу қиёс, проблемагузорӣ ва натиҷагирӣ ба такмили ҷанбаи илмии диссертатсия мусоидат намудаанд. Муҳаққиқ дар хотима хулосаҳои умумии корро дар 7 банд пешниҳод намудааст.

Аммо дар матни автореферат баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1.Дар саҳифаи 5 ба ғалати услубӣ роҳ дода шудааст (ба ҷо калимаи “қарнҳо” калимаи “қарн” кор фармуда шудааст.

2.Дар саҳифаҳои 8, 9, 11, 18 ва инчунин дар поварақи саҳифаи 11 ғалатҳои имлоӣ ба назар мерасанд.

3.Ғалатҳои китобатӣ, яъне нагузоштани аломати вергул дар саҳифаҳои 18, 20 ва 24 ҷой доранд.

Албатта, камбудиҳои зикршуда ҷузъӣ буда, қимати илмии кори таҳқиқотиро кам намекунанд. Аз ҳама муҳимаш, муҳаққиқ мавзуи таҳқиқотии худро дуруст ва асоснок ҳаллу фасл кардааст. Хулосаҳои умумии кор низ дорои ҷанбаи қавии илмӣ буда, рисоларо метавон дар илми фолклоршиносӣ чун саҳифаи тозае арзёбӣ намуд.

Автореферати мавриди назар мундариҷаи рисоларо ифода мекунад ва шаш мақолаи интишорнамудаи диссертант дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва панҷ мақола дар маҷалла ва нашрияҳои дигар ба мавзуи диссертатсия алоқаманд мебошанд.

Аз муҳтавои автореферат метавон ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Ализода Наврӯз Алӣ дар мавзуи "Поэтикаи зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон" кори мукаммал ва анҷомёфтаи илмӣ буда, рисола бо мубрамият, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии худ ба талаботи КОА- и назди Президенти Тоҷикистон ҷавобгӯст ва муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ мебошад.

Муқарриз: номзади илмҳои филологӣ,
устоди кафедраи забон ва адабиёти
тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ
30.08. 2023.
Ҳамроев Р.З.

Имзои Р.З.Ҳамроевро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи С. Айнӣ:
Мустафозода А.

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел: +992(37) 224-13-83
E-mail: info@tgpu.tj